**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода А. И.**

______________________

«28» апрели 2023

# ХУЛОСАИ
## кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна таҳти унвони «Старчевский А. В. ва вижагиҳои сохторию маънои «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна соли 2008 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси журналист–омӯзгор хатм намуд. Солҳои 2015–2017 аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик муҳассили магистратура ва солҳои 2018-2021 докторанти докторантураи (PhD) Донишгоҳи мазкур буд.

Ахмедҷонова М. А. фаъолияти кории худро аз соли 2013 дар гимназияи «Кавсар» ба сифати котиба–ҳуҷҷатнигор оғоз намудааст. Аз соли 2014 то соли 2019 дар шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти раёсати МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ҳамчун сарнозири шуъба ифои вазифа дошт. Аз соли 2019 то имрӯз муаллими кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мебошад.

Диссертатсия дар заминаи «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и Ҳамсафари намояндаи рус дар Осиёи Миёна» (Спутник русского человека в Средней Азии). - // А. В. Старчевский.-СПб: А. Траншель, 1878.-808 с. ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмии докторант (PhD) доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Шокириён Туғрал Сироҷзода (Шокиров Туғрал Сироҷович) мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» № 4 аз 29 ноябри 2018 ва тағйироти ҷузъӣ ба номи мавзуъ №10 аз 27 апрели 2023 тасдиқ гардидааст.

**Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ:** Ҳангоми таҳсил (Ф. № 470 аз 31.08.2018 то Ф. № 553 аз 01.09.2021) дар зинаи докторантура (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 имтиҳони маҷмуиро бо баҳои «хуб» дар МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» супоридааст.

Дар натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии Ахмедҷонова М. А. «Старчевский А. В. ва вижагиҳои сохторию маъноии «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и ӯ» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Рисолаи Ахмедҷонова М. А. таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб шуда, аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навоварии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳаммияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки докторант (PhD) бори аввал вижагиҳои луғавию фарҳангнигории фарҳанги мазкурро мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор дода, як қатор хусусиятҳои сохториву маъноии онро маълум намуда, ба хулосаҳои илмӣ расидааст.

**Навовариҳои илмии пажуҳиш:** «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и А. В. Старчевский яке аз аввалин фарҳангҳои тарҷумавии тоҷикӣ-русӣ маҳсуб мешавад, вале оид ба мавҷудият, сохтор ва вижагиҳои фарҳангнигории он то имрӯз таҳқиқоти мукаммале сурат нагирифтааст.

Рисолаи Ахмедҷонова М. А. нахустин пажуҳиши диссертатсионӣ оид ба ин асар буда, муаллифи он роҷеъ ба мураттиб, сохтор, хусусиятҳои маъноӣ, луғавӣ ва фарҳангнигории фарҳанги мазкур маълумоти нисбатан мукаммалро пешниҳод намуда, ин асарро ба забоншиносии тоҷик муаррифӣ кардааст.

**Нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешавад:**

1. Фарҳангномашиносӣ чун илми мустақили академӣ дар омӯзиши таъриху фарҳанг, арзишҳои миллӣ, расму оин, анъанаҳои миллӣ нақши басо муҳим ва калидӣ дошта, таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои он зарур аст.
2. Фарҳанги мавриди пажуҳиш нахустин луғати тарҷумавии дузабонаи тоҷикӣ-русӣ мебошад.
3. Фарҳанг хусусияти хидматӣ дошта, бо фармоиши сарситоди Вазорати мудофиаи Империяи Россия таҳия гардидааст, вале бинобар

фарогиру мувофиқ буданаш умумиистеъмолӣ гардидааст. Мураттиби фарҳанг аввалин шуда, ҳам вожаҳои тоҷикӣ ва ҳам вожаҳои русиро бо ҳуруфи кириллӣ сабт ва чоп кардааст.

4. Овозҳои хоси забони тоҷикӣ бо ҳуруфи махсуси лотинӣ ишора карда шудаанд, ки ин ҷанбаи фарҳангнигории луғатро қавӣ мегардонад. Дар сурати ҷой додани калимаву истилоҳоти аврупоӣ ё хоси русӣ номи лотинии онҳоро бо ҳуруфи лотинӣ сабт кардааст, ки ин ҷанбаи байналмилалии асарро қавӣ месозад.

5. Ҳарчанд фарҳанг тарҷумавист, дар он вижагиҳои фарҳанги тафсирӣ зиёд ба назар мерасад.

6. Калимаҳои тоҷикӣ дар фарҳанг бо риояи талаффузи русиашон ҷой дода шудаанд, ки ин азхудкунии вожаю таркибҳоро осону сабук мегардонад. Калимаҳои душакла ва бисёршакла ҳатталимкон бо гунаҳои талаффузиашон ҷой дода шудаанд, ки ин огоҳии хонандаро таъмин менамояд.

7. Таҳлил ва баррасии вожаҳои фарҳангномашиносии тарҷумавии дузабона дар забонҳои гуногун ҷолиб буда, бори нахуст дар чунин шакл дар забоншиносии тоҷик таҳқиқ гардидааст.

8. Аз рӯйи гурӯҳҳо, мавзуъҳо ва қабатҳои вожагонӣ ҷудо намудани модаҳои луғавии асар баҳри эҳсос ва дарки забонии масоили муҳимми фарҳангнигорӣ мувофиқи мақсад аст. Маъно ва мафҳумҳои мушаххаси бархе калимаву истилоҳоти фарҳанг бо роҳи овардани муодилҳои асливу иқтибосӣ (аслӣ, арабӣ, русӣ, лотинӣ, юнонӣ ва ғ.) ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм:** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм алоқаманд буда, тибқи барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмии кафедраи забони тоҷикии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» интихоб шуда, масъалаҳои баррасишаванда ба он алоқаманд аст ва бо дурнамои он мувофиқат дорад. Натиҷаву хулосаҳои пажуҳиши мазкур дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимии самти марбута метавонад истифода гардад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқ намудани онҳо:** Пеш аз ҳама, дар бунёди таркиби луғавии асар, гурӯҳҳои маъноӣ, воҳидҳои луғавии соҳавӣ; муқаррарсозии вижагиҳои онҳо аз лиҳози пайдоиш ва истилоҳшавӣ, инчунин дар истифодаи усулҳои пешқадами забоншиносии муосир зоҳир мегардад. Ба ҳамин асос, баҳри пажуҳиши хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти соҳаҳои фарогири фарҳанг, таҳқиқот асосан тасвирию муқоисавӣ, луғавию

маъної сурат гирифтааст; андешаҳои назарияю хулосавӣ бар мабнои натиҷагирӣ ва татбиқи воқеии онҳо метавонад зимни таълими забони тоҷикӣ дар курси аввали ихтисосҳои филологӣ ва ғайрифилологӣ сурат гирад.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ маводи фарҳанги мавриди назарро бо татбиқи назарӣ баррасӣ мекунад. Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқу пажуҳиши назарӣ ва амалии яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ, фарҳангшиносӣ ва истилоҳшиносӣ марбут аст. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқ бадастовардаи рисола метавонад дар омӯзиши масъалаҳои фарҳангшиносӣ, вожашиносӣ ва решашиносӣ мақсаднок ба истифода расад. Фарҳанги тарҷумавӣ вазифаву аҳаммияти зиёд дошта, барои ошноии хонанда бо забони дигар ва таркиби луғавии он муфид аст. Он метавонад барои сайёҳону мусофирон ва омӯзандагони забон кумаки назарию амалӣ расонад, зеро вай фарогири очерки мухтасари грамматикаи забони тоҷикӣ низ ҳаст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Маводи рисолаи мазкурро ба ҷуз суханшиносон, инчунин коршиносони таърих, ҷуғрофия, сиёсатшиносӣ, иҷтимоъшиносӣ, роҳбаладони сафарҳо дар фаъолияти кории худ ҳамчун дастури соҳавӣ мавриди корбарӣ қарор дода метавонанд, зеро вожаву истилоҳоти самтҳои мазкур ҳаматарафа таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, устодони риштаи забоншиносии муассисаҳои таҳқиқотӣ ва таълимӣ метавонанд хулосаҳои пажуҳишро мавриди истифодаи худ қарор диҳанд.

Маводи фарҳанги мазкур чун зернизоми алоҳидаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ баррасӣ шуда, ягонагиву ҷудонопазирии он ба исбот расидааст. Вижагиҳои маъноиву луғавии истилоҳот аз лиҳози назария ва амалия, умумиву миллӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Старчевский А.В. ва вижагиҳои сохторию маъноии «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муҳаққиқ аз муайян намудани ҳадаф ва асосноксозии вазифаҳои таҳқиқ иборат буда, дар ҷамъоварии маводи зарурӣ, коркарди он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи пажуҳиш зоҳир мегардад. Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати зиёда аз шашсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст. Муаллиф аз ҷумлаи нахустин муҳаққиқони фарҳанги

мазкур буда, онро бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳлили диссертатсионӣ қарор додааст. Дар заминаи муқоисаву муқобалаи таркиби луғавии ин асар бо фарҳангҳои дигар, ки дар давраҳои гуногуни рушди забони тоҷикӣ таҳия гардидаанд, инкишоф ва тағйироти таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва вижагиҳои онҳо нишон дода шудааст.

Пажуҳишгар натиҷаҳои омӯзишашро бо мақолаҳову гузоришҳо манзури аҳли илм ва коршиносон намуда, кӯшидааст асари мавриди таҳқиқаш ҳар чи бештар интишор ёбад.

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи соҳиби рисола нишон додани рушди фарҳангнигории тарҷумавӣ ва падидаҳои тозаи он, интишору паҳно гирифтани доираи забони тоҷикӣ дар фарҳангнигории тарҷумавии тоҷик ва мардуми дигар аст. Раванди таҳлили маводи гирдомада мақсади пажуҳишро чунин муқаррар намуд, ки фарҳанги мавриди назар дорои як қатор вижагиҳои илмию назариявӣ, амалӣ, маъноию луғавӣ ва лексикографист ва бояд ин масъалаҳо баррасӣ гардида, мақоми забони тоҷикӣ дар фарҳангнигории рус ва тоҷик нишон дода шаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқро** пажуҳиши забоншиносон ва донишмандони ватаниву хориҷӣ А. А. Потебня, В. В. Виноградов, В. В. Бартолд, Е. Э. Бертелс, О. С. Ахманова, Ю. Д. Апресян, С. И. Баевский, В. П. Берков, В. Г. Гак, И. Р. Галперин, С. И Ожегов, Н. М. Шанский, Л. С. Пейсиков, Ю. А. Рубинчик, Д. С. Лотте, А. А. Реформатский, И. М. Оранский, В. С. Расторгуева, Д. И. Эделман, В. Капранов, М. Шакурӣ, Ш. Рустамов, М. Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, М. Султон, С. Раҳматуллозода, Д. Хоҷаев, Я. И. Калонтаров, А. Ҳасанзода Т. Ваҳҳобов, Т. Шокиров, О. Қосимов, Ф. Шарифзода, Ҳ. Рауфов, А. Воҳидов, Ш. Исматуллозода, П. Нуров ва дигарон ташкил медиҳад.

Таҳқиқи нисбатан мукаммали вижагиҳои сохторию маъноии «Ҳамсафари намояндаи рус дар Осиёи Миёна» (Спутник русского человека в Средней Азии)-и А.В. Старчевский дар забоншиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад. Дар ҷараёни баррасӣ муайян карда шудааст, ки фарҳанги мазкур ҷанбаи маҷмуавӣ дошта, мураттиби он дар як муҷаллад заруртарин калимаҳои забони русиро ба забонҳои халқҳои асосии Осиёи Миёна–тоҷикон, ӯзбекҳо, қирғизҳо баргардон намудааст. Ҳамчунин, бинобар дар байни кормандону хизматчиёни маҳаллӣ зиёд будани таъсири забонҳои туркиву тоторӣ вожаҳои русиро ба ин ду забон низ тарҷума карда, дар шакли луғати алоҳида ҷой додааст. Пас аз муқаддима доир ба ҳар як забони фарогири китоб очерки грамматикии мухтасари он ҷой дода шудааст.

Мураттиб калимаҳои русиро ба забони тоҷикӣ низ баргардон намуда, таҳти унвони «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ» дар китоби мазкур ҷой

додааст. Бо дарназардошти хусусиятҳои луғавию маъноии фарҳанги номбурда докторант (PhD) қарор додааст, ки фаъолияти фарҳангнигории А. В. Старчевский ва «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и ӯро ба риштаи таҳқиқ кашида, ба натиҷаҳои илмӣ расад.

Муҳаққиқ бар он аст, ки моддаҳои луғавии фарҳангро аз лиҳози истеъмолашон ба чор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Гурӯҳи аввалро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки ҳам дар гузашта ва ҳам ҳоло дар истеъмоланд. Гурӯҳи дуюм шомили калимаҳои архаистиву таърихан маҳдудшуда мебошад. Гурӯҳи сеюм вожаҳое мебошанд, ки бо мурури замон тағйири маъно кардаанд. Ба гурӯҳи чаҳорум вожаҳое мансуб дониста шудаанд, ки дар фарҳанг ба маънии ғайримаъмулӣ тарҷума шудаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз феҳрасти ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 11 фасл, 9 зерфасл, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳрасти адабиёти истифодашуда, феҳрасти интишороти илмии диссертант оид ба мавзуъ таркиб ёфта, фарогири 183 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Қарори №5 аз 27.12.2022) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ахмедҷонова М. А. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 3 мақола дар нашриёҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 6 мақола дар маҷмуаву маҷаллаҳои илмии дигар нашр гардидаанд. Инчунин мазмуну мухтавои пажуҳиши мазкур дар конференсияҳои илмии ҳарсолаи ҳайъати профессорону омӯзгорони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар шакли гузоришҳои илмӣ баён карда шудаанд.

**Мақолоте, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М]** Шокиров Т.С., Ахмедҷонова М. А. Фарҳангнигории тарҷумавӣ ва вижагиҳои он / Т. С. Шокиров, М. А. Ахмедҷонова // Паёми Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. -№ 6 (83). – С. 67-73. ISSN 2219-5408

**[2-М]** Ахмедҷонова М. А. Сухане чанд дар бораи фаъолияти лексикографии А. В. Старчевский / М. А. Ахмедҷонова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2021. -№3 (88). – С. 84-92 ISSN 2413-2004

**[3-М]** Ахмедҷонова М. А. Вожаҳои ифодагари номҳои маъмуриву ҳарбӣ дар фарҳанги «Ҳамсафари намояндаи рус дар Осиёи Миёна»-и А. В. Старчевский / М. А. Ахмедҷонова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2022. - № 4 (020) – С. 275-280. ISSN 2076-2569

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

**[4-М]** Ахмедҷонова М. А. «Ҳамсафари одами рус дар Осиёи Миёна»-и Старчевский ва фарогирии луғавии он / М. А. Ахмедҷонова // Паёми Донишкада. Маводи Конференсияи илмӣ-амалии апрелии донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорон дар мавзуи «Инсон. Ҷамъият. Табиат. Илм», 30 апрели соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент, 2018. – С. 63-66.

**[5-М]** Ахмедҷонова М. А. Мавқеи луғатҳои тарҷумавӣ дар ташаккули лексикаи забонҳо / М. А. Ахмедҷонова // Маводи Конференсияи илмию амалии ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забон ва адабиёти Шарқ»- Душанбе: ДДЗТ ба номи С.У., 2019. – С. 174-187.

**[6-М]** Ахмедҷонова М. А. Тарҷумаи ибора дар нахустлуғати дузабонаи тоҷикӣ – русии асри XIX / М. А. Ахмедҷонова // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ тахти унвони «Хусусиятҳои татбиқи имлои нави забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ» бахшида ба таҷлили 70-солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Каримова Моҳинисо Абдуқаюмовна – Хуҷанд: Меъроҷ, 2019. – С. 308-313.

**[7-М]** Ахмедҷонова М. А. Фарҳангнигорӣ ва рушди он / М. А. Ахмедҷонова // Забон ва рукни он. Маводи конференсияи илмию амалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи байналмилалии забони модарӣ. – Хуҷанд: Дабир, 2020. – С. 17-27.

**[8-М]** Ахмедҷонова М. А. Старчевский А. В. – фарҳангнигор / М. А. Ахмедҷонова // Забон – меҳвари дониш (Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи байналмилалии забони модарӣ). – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С. 40-46.

**[9-М]** Ахмедҷонова М. А. Вожаҳои ифодагари номи касбу кор ва маҳсулоти онҳо дар «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и Старчевский А. В. / М. А. Ахмедҷонова // Забон дорӣ, ҷаҳон дорӣ (Маводи конференсияи илмию амалии «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ» бахшида ба Рӯзи забони модарӣ, 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 70-солагии профессори кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ, Корманди шоистаи Тоҷикистон Шокириён Туғрал Сироҷзода). – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С. 88-86.

Хулоса, кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловнаро кори илмии бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, хусусан самти фарҳангшиносӣ ва фарҳангнигорӣ иртиботи қавӣ дошта, талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби профессорон – Ваҳҳобов Толиб, Ҳасанзода Абдуҷамол, дотсентон – Олимҷонов Мӯсо ва Ӯзбеков Салоҳиддин саволҳо пешниҳод гардид. Докторант Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Дар муҳокима олимони факултети филологияи тоҷик 3 доктори илмҳои филологӣ, профессорон – Ваҳҳобов Толиб, Ҳасанзода Абдуҷамол, Шокириён Туғрал, номзадҳои илмҳои филологӣ, дотсентон – М. Олимҷонов, С. Ӯзбеков, Ш. Раҳматов, З. Қӯрғонов, З. Абдуллоева, муаллимон – Н. Ҳусанбоев, Н. Баракаева ва дигарон иштирок доштанд.

Маҷлиси кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо дарназардошти фикру андешаи маърузачиён ва иштирокдорони ҷаласа

**ҚАРОР КАРД:**

1. Суханронии профессорон Ваҳҳобов Т., Ҳасанзода А., дотсентон Олимҷонов М. ва Қӯрғонов З. ба эътибор гирифта шавад.
2. Рисолаи илмии докторант (PhD)–и кафедраи забони тоҷикӣ Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи «Старчевский А. В. ва вижагиҳои сохторию маъноии «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

3. Аз Шурои диссертатсионии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ пурсида шавад, ки қарори мазкурро ба эътибор гирад, ки диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи «Старчевский А. В. ва вижагиҳои сохторию маъноии «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и ӯ» кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) мутобиқат дорад.

   Иштирок доштанд: 14 нафар
   Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0
   Қарори № 5 аз 27-уми декабри 2022-юм

**Мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Олимҷонов М. О.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1., тел.: (+992) 92 710 61 06, E-mail: olimi73@mail.ru

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи забони тоҷикии**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Қӯрғонов З. Д.**
suhanvar1983@mail.ru
(+992) 92 840 11 65

«Имзоҳои дотсентон Олимҷонов М., Қӯрғонов З.–ро тасдиқ мекунам»:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1. МДТ-и «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
Тел.: (+992) 117070700, E-mail: n.ehson@mail.ru